«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ доктори илмҳои таърих, профессор
__________ Ибодуллозода А.И.
«_30_»______08_______ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асророович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Истилоҳот, аз ҷумла маъмурию коргузорӣ қисмати муҳимми таркиби луғавии ҳар як забони миллӣ ва манбаи ғанигардониву рушди минбаъдаи он мебошад. Марҳилаи нави таърихӣ ва муҳимми забони тоҷикӣ, ин албатта давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз солҳои 90-уми асри гузашта то ба имрӯз мебошад. Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ ва қабул гардидани Қонун оид ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз падидаҳои муҳим дар таърихи нави давлатдории тоҷикон мебошад. Ин падидаҳо водор месозанд, ки акнун забони тоҷикӣ бояд дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву илмии кишвар амалан истифода карда шавад. Пажуҳиши истилоҳоти маъмурию коргузорӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар забоншиносии тоҷик мебошад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асророович, ки ба баррасии хусусиятҳои лексикиву морфологии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бахшида шудааст, аз рӯйи мақсаду вазифа, муҳтаво ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, пурра мувофиқат мекунад.

Истилоҳоти маъмурию коргузорӣ лексикаи серистеъмолу рӯзмарраи таркиби луғавии забони тоҷикӣ буда, таваҷҷуҳи муҳаққиқони тоҷик солҳои охир ба таҳқиқу таҳлили он бештар шудааст.

Пажуҳиши луғавию дастурии истилоҳоти маъмурию коргузории забони тоҷикӣ аҳаммияти илмию назариии хоссаро соҳиб аст. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асророович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию

сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» дорои аҳаммияти вижаи амалӣ низ ҳаст. Дар баробари ин, таҳқиқу омӯзиши истилоҳоти соҳавӣ барои муайяну равшан кардани рушди забони адабӣ ва пурғановат гардидани он дорои арзиши махсус мебошад.

Дар диссертатсия таҳқиқу пажуҳиши луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, ки инъикосгари фарҳангу адаби мардуми тоҷик ҳастанд, барои равшан сохтани хусусиятҳои таърихи забони адабӣ кумак намуда, барои расидан ба мақсади илмӣ вазифаҳои муҳим, аз қабили: таҳқиқи масъалаҳои назарии истилоҳот, муайянсозии таърихи ташаккули истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, таҳлили семантикии истилоҳоти мазкур дар заминаи маводди фарҳангҳои тафсирию дузабона, матни санадҳо, адабиёти бадеиву илмӣ ва матбуоти даврӣ, таъйини сохт ва шаклҳои грамматикии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, таҳқиқи хусусиятҳои савтӣ, луғавӣ ва сохтории истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ба иҷро расидаанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки таҳлил ва таҳқиқи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, дар забоншиносии тоҷик аз ҳар ҷиҳат дорои аҳаммияти хос аст, зеро барои рушду такомули забони ҳуҷҷатгузорӣ ва дафтардорӣ ин истилоҳот муҳим мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии диссертатсияи Давлатов Ифтихор дар он аст, ки бори аввал дар рисолаи илмии мазкур истилоҳоти маъмурию коргузорӣ аз нигоҳи сохтор ва маъно ба таври ҷудогона ва муназзам таҳлил шудааст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқи мавриди баррасӣ аз он иборат аст, ки ҷанбаҳои назарии диссертатсия ба воситаи пажуҳишу таҳлили ҷиҳатҳои сохторию маъноии истилоҳот инъикос ёфта, дар асоси маводди гирдоварда доир ба чанде аз хусусиятҳои савтӣ, луғавӣ, грамматикӣ, ба хусус, доир ба ифодаёбии ин гурӯҳи истилоҳот бо воситаҳои гуногуни забонӣ, ки дар он ташаккули истилоҳот нақши муҳим дорад, кори илмӣ анҷом дода, натиҷаҳои илмии бадастоварда барои навиштани китобҳои дарсии назария ва амалияи истилоҳсозӣ ва истилоҳшиносӣ, лингвистикаи ҳуҷҷат, инчунин, зимни мураттаб сохтани фарҳангу луғатномаҳои истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ва дафтардорӣ метавон истифода намуд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаҳои илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Масъалагузории мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамии мавзуъ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгониии илмӣ, сарчашмаҳои таҳқиқ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсия, инчунин, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар

маҷмуъ, саҳми шахсии ӯро нишон медиҳанд. Ҳамчунин, омӯзиши назари муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант ҳисобид. Диссертант дар ҳалли масъалаҳои ба миён гузошташуда аз методҳои таҳлили луғавию маъноӣ ва муқоисавӣ истифода кардааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда**. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 6 мақолаи чопшуда дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар дигар маҷмуа ва нашрияҳо, аз ҷумла, конференсияҳои байналмилалӣ, чумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ироа гардидааст.

Рӯйхати адабиёт, номгӯйи сарчашмаҳои илмию бадеӣ, фарҳангҳо ва захираҳои интернетиеро дар бар мегирад, ки дар диссертатсия аз онҳо истифода гардидааст.

Диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович аз муқаддима, 3 боб, 11 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, рӯйхати адабиёт, номгӯйи таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, усулу навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, саҳми шахсии унвонҷӯ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ, доир ба мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия **«Мавқеи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар низоми истилоҳии забони тоҷикӣ»** унвон дошта, аз се фасл иборат буда, дар фаслҳои он ҷиҳатҳои назарӣ ва дараҷаи омӯзиши онҳо дар марҳилаҳои асосии рушди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ва хусусиятҳои лингвистикии истилоҳоти мазкур пажуҳиш шудаанд.

Аз ҷумла, диссертант дар такя ба сарчашма ва осори илмии соҳа назарашро нисбат ба як давраи муҳимми рушди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ баён намудааст: «Даврони истиқлол марҳилаи нав дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти мардуми тоҷик буда, таъсири мусбат ба забони тоҷикӣ ва бахшҳои гуногуни он расонидааст. Илми истилоҳшиносии тоҷик дар давраи соҳибистиқлолии кишварамон ба як қатор муваффақиятҳо соҳиб гардид» (Диссертатсия с.22-23).

Боби дуюми рисола **«Вижагиҳои луғавию маъноии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ»** ном дошта, аз **чор фасл** иборат аст.

Фасли **якуми** боби мазкур **«Ифодашавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бо воситаҳои мухталифи забонӣ»** номгузорӣ шуда, навъҳои маъмули вожа-истилоҳ ва ибора-истилоҳ таҳлил шудаанд.

Фасли **дуюми боби дуюм «Манбаъҳои пайдоиши истилоҳоти маъмурию коргузорӣ»** унвон дошта, дар он сарчашмаҳои ба вуҷуд омадани истилоҳоти маъмурию коргузорӣ муайян кард шудаанд.

Номи фасли **сеюми боби мазкур «Истилоҳоти куҳнашуда»** мебошад ва дар ин фасл он истилоҳоте таҳлили маъноӣ ва сохторӣ карда шудаанд, ки дар як давраи муайяни таърихӣ дар коргузорӣ истифода мешуданду айни замон аз истеъмол баромадаанд.

Фасли **чоруми боби дуюм «Истилоҳоти иқтибосӣ»** ном дошта, дар он истилоҳоти иқтибосии арабӣ, туркӣ-муғулӣ ва русию аврупоии марбути соҳаи маъмурию коргузорӣ бо мисолҳо таҳлил шудаанд. Диссертант дар мавриди калимаҳои туркию муғулӣ андешаҳояшро худро чунин хулоса кардааст: «Хулоса, истилоҳоти туркӣ-муғулӣ дар забон мавқеи муайян доранд ва якчанд навъи он айни ҳол низ истифода мегарданд. Қисми муайяни ин навъи истилоҳотро дар забон тафовут намудан душвор аст, чунки давраи дуру дарози таърихӣ мавриди истифода қарор гирифта, то андозае ҳазм гардидаанд» (Диссертатсия с.115).

**Боби сеюми** диссертатсия **«Сохтори морфологии истилоҳоти маъмурии коргузорӣ»** унвон дорад ва аз чор фасл иборат аст.

Фасли **аввали боби** сеюм «**Истилоҳоти сода**» ном дошта дар ин фасл мавқеи истилоҳоти содаи коргузорию маъмурӣ дар низоми истилоҳии забони тоҷикӣ муайян карда шудаанд.

Дар фасли **дуюми боби** сеюм истилоҳоти сохтаи марбути маъмурият ва коргузорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд

Унвони фасли **сеюми боби сеюми** диссертатсияи мавриди тақриз **«Истилоҳоти мураккаб»** мебошад, ки дар он истилоҳоти аз лиҳози таркиби калимавӣ мураккаб бо мисолҳо таҳлил шудаанд.

Диссертант истилоҳоти бо исми нома сохташударо хеле хубу ҷолиб таҳлил намудааст: «Калимаҳои бо исми нома сохташуда дар соҳаи коргузорӣ серистеъмоланд: мувофиқат+нома – ҳуҷҷат дар бораи мувофиқати тарафҳо, созишнома; огоҳи+нома – номаи расмишуда барои огоҳонидани касе; имзо+нома – санад, ҳуҷҷати боимзо; иттифоқ+нома – ҳуҷҷате, ки аз номи умум баён меёбад; ифтихор+нома – ҳуҷҷати хаттӣ, ҳамчун як навъи мукофот; иҷозат+нома – ҳуҷҷате, ки ба коре иҷозат дода шуданро нишон медиҳад; ҳуҷҷате, ки ба соҳиби он ҳаққи вуруд ба ҷойеро медиҳад, рухсатнома;

раҳн+нома – хати гарав, ҳуҷҷат оид ба гарав мондани чизе, гаравнома; созиш+нома – ҳуҷҷат дар бораи созиш дар масъалае; сулҳ+нома – ҳуҷҷате, ки дар он шароити оштӣ ва сулҳ қайд ва сабт шудааст; тавсиф+нома – таърифнома (ҳуҷҷат), хислатнома; тавсия+нома – санаде, ки дар он дар ҳаққи касе (чизе) фикри мусбат навишта шудааст; тасдиқ+нома – ҳуҷҷат дар бораи дуруст донистани коре: таъйин+нома – ҳуҷҷат дар бораи гумошта шудани касе ба коре; шарокат+нома – ҳуҷҷат дар бораи ҳамкор ва шарик будан дар коре ё соҳае; шаҳодат+нома – ҳуҷҷате, ки ягон ҳуқуқи воқеиро тасдиқ мекунад; хуҷҷати шиносномаи шахсӣ; шинос+нома – ҳуҷҷати махсус барои нишон додани шахсияти шаҳрванд; эътибор+нома – ҳуҷҷати давлатие, ки ба намояндаи дипломатӣ дар бораи таъйин шуданаш ба сафорат дода мешавад, ваколатнома; эътимод+нома – ҳуҷҷати расмие, ки ба намояндагии дипломатӣ таъйин шудани касеро тасдиқ мекунад (Диссертатсия с.153).

Дар бахши **хулоса** мазмуну муҳтавои бобҳои дохили диссертатсия ба тариқи фишурда дар бандҳои ҷудогона натиҷагирӣ карда шуда, вобаста ба ҳар як масъалаи мубрами таҳқиқ назари мушаххаси муҳаққиқ оварда шудааст ва ҳар бобу фасли таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои амиқу мушаххаси илмӣ дар 13 банд ҷамъбаст гардидааст.

Дар охири диссертатсия рӯйхати адабиёт, номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва манбаъҳои истифодашуда оварда шуда, рӯйхати адабиёт дар асоси меъёрҳо ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Муҳаққиқ аз методҳои маълум ва мустаъмали илми забоншиносӣ самаранок истифода бурда, асарҳои назарии муҳаққиқони маъруфро ба таври бояду шояд омӯхтааст ва дар мавридҳои муайян ба онҳо нуктасанҷона такя кардааст. Рӯйхати адабиёт 202 номгӯйи сарчашма ва адабиёти илмиро фаро гирифтааст. Хулосабарориҳо ва натиҷагириҳои илмӣ дар диссертатсия бо андеша ва маълумоти мушаххаси боэътимод асоснок шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Давлатов, Ифтихор Асрорович ба ихтисоси илмии дархостшавандаи 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки вай дар илми истилоҳшиносӣ ва ҳуҷҷатнигории тоҷик як саҳми арзанда ва муҳимме боқӣ гузоштааст. Таҳқиқоти мазкур дар истилоҳшиносии соҳаи ҳуҷҷатнигорӣ ва дафтардорӣ икдоми нахустин буда, диссертант тавонистааст аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда барояд. Муаллифи диссертатсия бо мисолҳои мушаххас ҷанбаҳои сохторию маънои истилоҳоти маъмурию коргузориро нишон додааст, ки ин боиси дастгирист.

Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назаррас дар диссертатсия, баъзан, камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд. Ба андешаи мо, ба эътибор гирифтани онҳо барои боз ҳам боло бурдани сифати илмию назарии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Бахши **«Асосҳои методологии таҳқиқ» -**и диссертатсия фишурда буда, ҳамагӣ аз се ҷумла иборат аст, ки ин то андозае муҳтавои тавсифи умумии таҳқикро коҳонидааст (с. 9).
2. Дар бахши **«Сарчашмаҳои таҳқиқ»** , агар муҳаққиқ дар радифи номи фарҳангу луғатномаҳо номи асарҳои бадеӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро низ меовард, хуб мешуд, ҳоло он ки дар рӯйхати адабиёт 13 сарчашма оварда шудааст (с. 9).
3. Дар фасли 1.1., ки **«Марҳилаҳои асосии рушди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ»** ном дорад, давраҳо номукаммал таҳлилу баррасӣ шудаанд.
4. Аз як муҳаққиқ овардани ду иқтибос дар як саҳафа, ҳусни матлабро, ба назари мо, каме хароб кардааст (с. 15, 17, 20).
5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (с. 27, 39, 91, 100, 112) ва услубию китобатӣ (с.6, 14, 16, 34, 49, 162) ба назар мерасанд. Ҳамин қабил ғалатҳо дар саҳифаҳои гуногуни автореферeати диссертатсия низ ба назар расид.
6. Хуб мебуд, агар дар қисми охири диссертатсия гистограмма дар асоси мисолҳои таҳлилшуда тартиб дода мешуд, то натиҷаҳо равшантар инъикос шаванд.

Камбудиҳои зикргардида, ҷузъӣ буда, дар умум, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд, чунки муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи зарурӣ ба иҷро расонидааст.

Автореферати диссертатсия, тибқи тартиби муқаррагардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссерататсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Автореферати диссертатсия ва маводди интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, аз 13 мақолаи нашршуда 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ», ки барои дарёфт дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар сатҳи зарурӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №1 аз 28-уми августи соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 12 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 12- нафар; «зид» - нест; «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа**:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Иброимова Гуландом Наимовна

**Эксперт:**
доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси филология,
дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна

**«Имзоҳои Иброимова Г., Юсупов Ш. ва М. Зоитоваро тасдиқ мекунам»**:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj. Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
«28» августи соли 2025